Фарҳанги ҷойномҳои миллӣ

Ношир: Мусовиров З. В. Санаи интишор: 25 Октябр, 2018 - 15:12

[1]

Бо мақсади танзими дурусти корбурди ҷойномҳо дар ҳудуди кишвар «Фарҳанги ҷойномҳои миллӣ» таҳия гардиданд. Фарҳанги мазкур аз ду қисм иборат мебошад.
Дар қисмати аввали китоб номи деҳаҳои кунунии Тоҷикистон шарҳу тафсир ёфтаанд. Дар қисмати дуввум таҳти унвони «тавсияномҳо» номҳо дар асоси сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ ҷамъовари гардида пешниҳод шудаанд. Ин қисмат барои ивази номҳои ғайримеъёрӣ истифода хоҳад шуд.
Мавриди тазакур аст, ки барои таҳияи «Фарҳанги ҷойномҳои миллӣ» дар Кумитаи забон ва

истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи босалоҳият иборат аз мутахассисони забоншинос, ба хусус ҷойномшиносҳо (топонимшиносҳо) иборат аз 14 нафар (Бобоназаров Б., Исмоилов Ш., Матробиён С., Маҳдаҷонов О., Мирбобоев А., Мирзоев С., Муҳтарам Ҳотам, Назарзода С., Офаридаев Н., Рустами Ваҳҳоб, Ҳомидов Д., Тӯраев Б., Шарофзода Г., Шодиев Р., Зулфониён Р.,) мутахассисони забоншинос ҷалб шуда буданд.

Гурӯҳи мазкур дар муддати ду моҳ номи мавзеъҳои мавҷудаи Тоҷикистонро, ки аз ҷониби мутахассисони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ шуда буданд, мавриди таҳлили илмӣ ва баррасӣ қарор дода, дар такя бо маъхазҳои илмӣ номҳоро тафсир намудаанд.

Баъд аз анҷоми кор фарҳанги мазкур ба вазорату идораҳои дахлдор, инчунин, олимони бонуфузи ҷумҳурӣ барои тақриз пешниҳод гардид, Муқарризон баъзе нуқсонҳои фарҳангиро барои ислоҳ пешниҳод намуданд. Сипас, гурӯҳи корӣ дар муддати 10 рӯз эродҳои Муқарризонро омӯхта, бо пазируфтани эродҳои қобили қабул фарҳангро ислоҳ намудаанд.

Инак « Фарҳанги ҷойномҳои миллӣ » ҳамчун як фарҳанги мукаммал омода шудааст ва аз ҷониби Кумитаи забон рӯзҳои наздик нашр карда мешавад.

Баҳодиҳии муҳтаво: 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [2]
- Кумита [3]
- Кумитаи забон [4]
- Мақолаҳо [5]

•

•

•

•

•

•

Манбаъ::http://kumitaizabon.tj/tg/content/farkhangi-choynomkhoi-milli-0?mini=2024-04

Пайвандҳо
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/20180410_144316.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BA%D1%83%D0%BC%D0%B8%D1%82%D0%B0 [4] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BA%D1%83%D0%BC%D0%B8%D1%82%D0%B0%D0%B8-%D0%B7%D0%B0%D0%B1%D0%BE%D0%BD [5] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BC%D0%B0%D2%9B%D0%BE%D0%BB%D0%B0%D2%B3%D0%BE [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20180410_144316.jpg [7] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20180410_144546.jpg [8] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20180410_144554.jpg [9] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20180410_144623.jpg [10] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20180410_144628.jpg [11] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20180410_144719.jpg